Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

20 сентябри соли 2023
Чоршанбе
№ 75 (14982)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ИҶЛОСИЯИ 78-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ НУТҚ КАРД

**19 сентябр дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк мулоқоти умумисиёсии иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии СММ оғоз ёфт, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев маърӯза кард.**



Дар рӯзи аввали мулоқот, ки таҳти роҳбарии раиси иҷлосия Деннис Фрэнсис баргузор шуд, Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш, сарони давлатҳои аъзо – Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден, Ҷумҳурии Федеративии Бразилия Луиз Инасиу да Силва, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ Сирил Рамафоса, Амири Давлати Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ, ҳамчунин сарони давлатҳои дигар иштирок карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маърӯзаи худ зарурати нигоҳ доштани рӯҳи ҳамдилӣ ва ҳамкориҳои амалӣ, муттаҳид кардани кишварҳо дар пояи он, ки манфиатҳои умумӣ аз зиддиятҳои мавҷуда болотаранд, изҳор дошт.

(Давомаш дар саҳ.2).

## БАРТАРИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ИМА МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**19 сентябр мувофиқи барномаи буду бош дар шаҳри Ню-Йорк Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамоиши нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар шакли «C5+1» иштирок кард.**




Дар чорабинӣ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат карданд.

Мувофиқи барномаи ҷамъомад пешомади вусъат додани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, рушди «сабз», таъмин кардани амнияти энергетикӣ ва ҷорӣ намудани манбаъҳои нави энергия, ҳамкорӣ дар масъалаҳои таъмин сохтани амнияти минтақавӣ, мубориза ба муқобили терроризм ва ҷинояткории наздисарҳадӣ баррасӣ шуданд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

(Давомаш дар саҳ.3).

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ МИНБАЪДА БАРРАСӢ ШУДАНД

**Тавре ки пештар хабар дода будем, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари корӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рафт.**







19 сентябр дар доираи чорабиниҳои иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии СММ вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден, директори генералии Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) Нгози Оконҷо-Ивеала, Президенти Ҷумҳурии Куриё Юн Сок Ёл, Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш баргузор шуданд.

Дар вохӯрӣ бо Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи дуҷониба ва ҳамкориҳои тарафайни минтақавӣ муҳокима гардиданд. Президенти ИМА таъкид сохт, ки истиқлол, озодӣ ва якпорчагии ҳудуд, ҳамчунин роҳи бебозгашти ислоҳоти дар Ӯзбекистони Нав татбиқшудаистодаро қатъиян дастгирӣ мекунад.

Ба пешбурди лоиҳаҳои ҳамкории амалӣ бо ширкат ва бонкҳои машҳури амрикоӣ эътибори махсус дода шуд.

Натиҷаҳои мулоқоти дуҷониба бо ҷомеаи соҳибкорон ва анҷумани тиҷоратӣ, ки дар арафаи сафари роҳбари давлати мо ба ИМА баргузор шуданд, бо қаноатмандӣ таъкид гардиданд.

Ба идома додани ҳамкориҳои пурмуҳтавои тарафайн дар соҳаи ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ ва самтҳои дигари соҳаи инсоншиносӣ эътибори махсус дода шуд.

(Давомаш дар саҳ.3).

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР СЕССИЯИ 78-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Муҳтарам ҷаноби раис!
Муҳтарам ҷаноби Котиби генералӣ!
Сарони ҳайатҳои вакилон!
Хонумон ва ҷанобон!

Сессияи имрӯзаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар вазъияти дигаргуниҳои куллии системаи муносибатҳои байналхалқӣ баргузор мегардад.

Дар миқёси ҷаҳон бӯҳрони эътимод ба мушоҳида мерасад. Мушкилот дар фаъолияти ниҳодҳои амнияти ҷаҳонӣ ва дур шудан аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пурзӯр мегарданд. Ҳамаи ин боиси афзоиши шиддати ҷаҳон мегардад.

Зиддиятҳои геосиёсӣ дар роҳи мубодилаи озоди тиҷорат, сармоягузорӣ ва инноватсия монеаҳои нав эҷод мекунанд. Муколама ҳатто аз рӯи масъалаҳое, ки ба сарнавишти тамоми инсоният дахл доранд, аз қабили тағйирёбии иқлим, мубориза бо гуруснагӣ ва нобаробарӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Дар чунин вазъияти душвор рӯҳи ризоият ва ҳамкории амалиро нигоҳ доштан, дар асоси он муттаҳид намудани мамлакатҳо аз ҳарвақта дида зарур аст, ки манфиатҳои умумӣ назар ба зиддиятҳои мавҷуда баландтаранд.

**Соли гузашта мо ташаббуси якдилии Самарқандро баҳри бехатарӣ ва шукуфоии умум пеш гирифтем. Ҳадафи асосии мо дарки амиқи масъулият барои имрӯзуояндаи кишварҳову халқҳоямон, ҷалби тамоми ҷонибҳои омода ба ҳамкории ошкоро ва созанда дар муколамаи ҷаҳонӣ мебошад.**

Итминон дорам, ки соли оянда бо ибтикори Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид баргузор шудани Ҳамоиши оянда ба ҳалли масъалаҳои мубрами рушди байналмилалӣ ва минтақавӣ ва афзоиши минбаъдаи нуфуз ва обрӯву эътибори Созмони мо хидмат хоҳад кард.

Муҳтарам иштироккунандагони маҷлис!

Мо сиёсати бунёди Ӯзбекистони Навро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоӣ қатъиян давом медиҳем.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

## ҲАМКОРӢ БАРОИ ПЕШРАФТИ ХАЛҚҲО ВА ЭЪТИДОЛ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷӣ**

Дар шароити тағйироти геосиёсии минтақа Осиёи Марказӣ беш аз пеш маркази муҳими муносибатҳои байналхалқӣ қарор мегирад. Зеро Осиёи Марказӣ дар олами кунунӣ дорои мавқеи муҳими стратегӣ мебошад. Минтақа соҳиби имкониятҳои бузург аст. Ҳамзамон он ба таҳдид ва хурӯҷҳои нави амният, ки дар ҷаҳон ба вуқӯъ меоянд, рӯ ба рӯ мегардад.

Сиёсати Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ ба таъмин сохтани сулҳу салоҳ ва эътидоли минтақа, ҳаллу фасли мушкилоти асосии амнияти минтақавӣ, аз ҷумла кумак ба танзими вазъият дар Афғонистон нигаронида шудааст.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР СЕССИЯИ 78-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мамлакати мо дар асоси ғояи «Барои шаъну шарафи инсон» дилпурона бо роҳи ислоҳоти куллие пеш рафта истодааст, ки мақсад аз он мустаҳкам намудани принсипҳои демократия ва адолат мебошад.

Моҳи апрели соли равон дар таърихи Ўзбекистон бори аввал раъйпурсии умумихалқӣ оид ба қабули Конститутсияи нав, ки афзалиятҳои рушди миллиро муайян намуд, баргузор гардид. Зиёда аз 90 фоизи овоздиҳандагоне, ки дар референдум овоз доданд, ин Конститутсияи ҳақиқатан оммавиро, ки характери бебозгашти ислоҳоти моро таъмин намуд, тарафдорӣ карданд.

Мо дар Қонуни Асосии худ бори дигар содиқ будани худро ба принсипҳои ҳуқуқи инсон, озодии сухан ва виҷдон, баробарии ҳамаи шаҳрвандон, сарфи назар аз миллат, забон ва динашон тасдиқ намудем.

Дар асоси ин Стратегияи рушди «Ўзбекистон – 2030» қабул карда шуд. Ин стратегия ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид мувофиқ аст ва мо тамоми ўҳдадориҳои худро бечунучаро иҷро мекунем.

Хонумон ва ҷанобон!

Дар натиҷаи ислоҳоти пайваста амалкунанда, иқтисодиёти Ўзбекистон сарфи назар аз мушкилоти ҷаҳонӣ суръатҳои устувори рушдро нишон дода истодааст. Дар давоми шаш соли охир ҳаҷми маҳсулоти умумӣ бештар аз якуним баробар афзуд. Ҳадафи асосии мо то соли 2030 ин рақамро ду баробар зиёд кардан аст.

Вазифаи дигари аввалиндараҷаи мо дар роҳи либерализатсияи иқтисодиётамон дарояндаи наздик узви комилҳуқуқи Созмони ҷаҳонии савдо шудан аст.

Ба шарофати сиёсатҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз соли 2017 ду баробар коҳиш ёфт. То соли 2030 мо онро ба 7 фоиз кам карданием.

Мо қарор додем, ки бо оби нўшокӣ таъмин намудани аҳолӣ, инчунин фарогирии соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, маориф ва дигар хидматрасонии иҷтимоиро чандин баробар зиёд кунем.

Мо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид «Акселератори глобалии таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ»-ро дастгирӣ мекунем. Дар доираи он барои табодули таҷриба пешниҳод менамоям, ки соли 2024 дар кишвари мо таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид Конфронси умумиҷаҳонии «Ҳифзи иҷтимоӣ: роҳ ба сўи рушди устувор» баргузор карда шавад.

Муҳтарам иштирокчиёни саммит!

Дар солҳои охир мо дар Ўзбекистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем. Дар кишварамон меҳнати маҷбурӣ ва бачагона пурра бекор карда шуд.

Дар тўли садсолаи гузашта миллионҳо нафар дар Ўзбекистон маҷбуран ба пахтачинӣ ҷалб карда шудаанд. Ҳар сол аз моҳи сентябр то декабр ба пахтачинӣ қисми асосии аҳолӣ — муаллимону духтурон, корчаллон, коргарону хидматчиён, инчунин, мутаассифона, мактаббачагону донишҷўён ҷалб карда мешуданд. Дар натиҷа ба пахтаи Ўзбекистон бойкот эълон шуд ва кишвар солҳои тўлонӣ дар «рўйхати сиёҳ» қарор гирифт.

Ба шарофати азму иродаи қавии мо ҳамаи ин дар гузашта монданд. Халқи мо аз ғуломии пахта комилан озод шуд.

Сарқонуни нави кишвар манъи кори маҷбуриро кафолат дода, барои он ҷавобгарии ҷиноӣ муқаррар кардааст.

Ба фикрам, мубориза бо муқобили меҳнати маҷбурӣ ва бачагон дар миқёси ҷаҳон пурзўр кардан зарур аст. Таҷрибаи мо нишон медиҳад, ки ба ин кор хотима додан мумкин аст.

Хонумон ва ҷанобон!

Рушди сармояи инсонӣ ва тарбияи насли эҷодкор яке аз вазифаҳои стратегӣ мебошад, ки Ўзбекистон дар назди худ гузоштааст.

Мо итминон дорем, ки таълими дастрас ва босифат барои ҳама омили муассиртарин дар рафъи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Дар ин бобат дар мамлакати мо дар солҳои охир таҷрибаи калон ғун карда шудааст — дигаргунсозии куллии системаи маориф ба амал бароварда мешавад. Дар шаш соли охир фарогирандагон ба муассисаҳои томактабӣ аз 21 фоиз ба 70 фоиз ва дар мактабҳои олӣ аз 9 фоиз ба 38 фоиз афзуд. То соли 2030 барои он ки ҳар як кўдак ба боғча равад ва ҳар як дуюм хатмкунандаи мактаб дар донишгоҳҳо таҳсил кунад, шароит фароҳам оварда мешавад.

Муҳтарам сарони ҳайатҳои вакилон!

Солҳои охир Осиёи Марказӣ бо роҳи таҳкими ҳамсоягии нек, субот, ҳамкорӣ ва рушд пеш рафта истодааст.

Ба шарофати саъю талоши муштараки мо Ўзбекистон ва тамоми кишварҳои ҳамсоя муяссар гардид, ки мушкилоти зиёди марбут ба сарҳади давлатӣ, долонҳои нақлиётӣ ва истифодаи обро ҳал кунанд.

Муомилоти моли байни мамлакатҳои минтақа дуним баробар, шумораи корхонаҳои муштарак панҷ баробар афзуд.

Минтақаи мо ба маркази тараққиёти иқтисодиёт, ба кўпруки нақлиётию коммуникатсионӣ табдил ёфта истодааст, ки Шарқу Ғарб, Шимолу Ҷанубро мепайвандад. Ва таваҷҷуҳ ба ў меафзояд.

Кушодии Осиёи Марказӣ барои тамоми ҷаҳон муҳимтарин шарти таъмини амният ва рушди устувори минтақа мегардад.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мардуми моро дарки мутобиқати комили минтақавӣ муттаҳид мекунад ва ин ҳиссиёт рўз то рўз қавитар мегардад. Мо на танҳо як гузашта дорем, балкиояндаи умумие дорем, ки бо манфиатҳои ҳаётан муҳим мувофиқат мекунанд. Мо ба ҷуз густариши ҳамкориҳои минтақавӣ дигар роҳ надорем!

**Итминон дорам, ки бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ Осиёи Марказӣ минбаъд низ роҳи муттаҳидшавиро пеш хоҳад гирифт. Табдил додани Осиёи Марказӣ ба як минтақаи осоишта ва шукуфон ҳамчун ҳадафи афзалиятноки сиёсати хориҷии Ўзбекистон боқӣ мемонад.**

Муҳтарам иштироккунандагони ҷамъомад!

Барои Осиёи Марказӣ, ки қариб нисфи аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаҳои марбут ба насли наврас ва татбиқи неруи онҳо махсусан муҳим аст. Чанде пеш бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ дар ин самт давлатҳои минтақа Созишнома оид ба самтҳои умумии сиёсати ҷавононро ба имзо расониданд.

Дар баробари ин мо манфиатдор ҳастем, ки дар ин самт бо Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои махсуси он ҳамкориҳои муассир ба роҳ монем, инчунин таҷрибаи пешқадами дигар минтақаҳои ҷаҳонро омўзем.

Дар робита ба ин, ман пешниҳод мекунам, ки дар назди Созмони Милали Муттаҳид барои мусоидат ба рушди ҷавонон дар Осиёи Марказӣ гурўҳи корӣ таъсис дода шавад. Дар доираи он барномаи «Рўзномаи ҷавонони Осиёи Марказӣ 2030»-ро таҳия кардан бамаврид аст.

Муҳтарам сарони ҳайатҳои вакилон!

Иштироки фаъолонаи занон дар идоракунии корҳои ҷамъият ва давлат масъалаи мубрами имрўза мебошад. Мақсади олиҷаноби сиёсати миллии мо дар ин самт таъмини мустаҳкамии оила, ҳифзи ҳуқуқ ва некуаҳволии занон мебошад.

Мо инчунин барои ноил шудан ба баробарии гендерӣ корҳои мунтазам анҷом медиҳем. Аз ҷумла, 49 дарсади донишҷўёнеро, ки соли гузашта ба донишгоҳҳо дохил шуданд, духтарон ташкил доданд. Ҳиссаи занон дар идораи давлатӣ бори аввал ба 35 фоиз расид. Дар бораи ҳимоят аз зўроварӣ нисбати занон ва ноболиғон қонуни алоҳида қабул шуд.

Мо аз тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ бо сохтори «Созмони Милали Муттаҳид – Занон» манфиатдорем. Ҳамчун ташаббуси муштарак мо пешниҳод менамоем, ки соли оянда дар Ўзбекистон Форуми занони Осиё ҷиҳати баррасии масъалаҳои ба рўи об баровардани неруи эҷодии онҳо ва табодули таҷриба дар ин самт баргузор карда шавад.

Хонумон ва ҷанобон!

Имрўз дар ҷаҳон вазъияти шадиди экологӣ ба мушоҳида мерасад. Бўҳрони сегонаи сайёра, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, талафоти гуногунии биологӣ ва ифлосшавии муҳити зист ба вуҷуд омадааст, шиддат мегирад.

Дар чунин шароити душвор Осиёи Марказӣ, ки мубориза бо фоҷиаи баҳри Аралро идома медиҳад, ба яке аз минтақаҳои осебпазири тағйирёбии иқлим табдил меёбад.

Ўзбекистон ба қадри имкониятҳои худ саъю кўшишро барои барҳам додани оқибатҳои фоҷиаи Арал, ки мушкилоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, равона мекунад. Солҳои охир дар қаъри хушкшудаи баҳри Арал дар майдони 1,7 миллион гектар майдонҳои сабзи дорои растаниҳои ба хушкӣ тобовар бунёд карда шуданд. Барои идомаи кор дар ин самт дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ хеле муҳим аст.

Дар давоми сӣ соли охир ҳарорати ҳаво дар минтақаи мо якуним дараҷа баланд шуд. Ин аз нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ ду баробар зиёд аст. Дар натиҷа қариб сеяки майдони умумии пиряххо нест шуданд. Агар ин раванд идома ёбад, пас дар бист соли наздик маҷрои ду рўдхонаи бузург дар минтақа – Амударё ва Сир метавонад 15 фоиз коҳиш ёбад. Пешбинӣ шудааст, ки таъминоти об ба  ҳар сари аҳолӣ 25 фоиз ва ҳосили зироат 40 фоиз кам мешавад.

Дар сурати сари вақт андешида нашудани чораҳои самарабахш оқибатҳои ин мушкилот ба суботи иҷтимоию иқтисодии минтақа зарари ҷиддӣ мерасонад.

Бо назардошти ин вазъият мо тарафдори таъсиси вазифаи Намояндаи махсуси Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об ҳастем. Мо ҷонибдори ҷалб ва татбиқ намудани технологияҳои пешрафта ба раванди ташкили Платформаи технологияҳои сарфаи об дар Осиёи Марказӣ бо истифода аз механизми «Созмони Милали Муттаҳид – захираҳои об» ҳастем.

Дар чаҳорчўби Барномаи рушди «сабз», ки дар минтақа қабул шудааст, ҳамкориҳои муназзамро ба роҳ мемонем. Чунин шарикӣ ба манфиати умумии мо ҷиҳати пешгирӣ намудани таҳдидҳои тағйирёбии иқлим ҷавоб медиҳад. Ба ин муносибат таъсиси «Муколамаи иқлими Осиёи Марказӣ»-ро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Мо тарафдори ташаббуси қабули резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид «Осиёи Марказӣ дар баробари таҳдидҳои глобалии иқлим: ҳамбастагӣ барои шукуфоии умумӣ» мебошем. Мо пешниҳод менамоем, ки қоидаҳои асосии он дар форуми байналмилалии иқлим, ки соли оянда дар Самарқанд баргузор мешавад, баррасӣ гардад.

Дар баробари ин мехоҳам таъкид намоям, ки барои мо вазифаи стратегӣ мутобиқ кардани соҳаҳои асосии иқтисодиёти Ўзбекистон ба тағйирёбии иқлим, ноил шудан ба бетарафии карбон ва якбора афзоиш додани ҳиссаи энергетикаи «сабз» боқӣ мемонад.

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Мо бояд талошҳои муштаракро ҷиҳати пешгирии паҳншавии экстремизм ва радикализми ҷавонон пурзўр намоем.

Моҳи марти соли гузашта дар Тошканд Нақшаи муштараки амалиёт оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ дар Осиёи Марказӣ қабул шуда буд.

Дар доираи Стратегияи миллии мо оид ба муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм мо ба зиндагии муқаррарӣ баргардондан ва ба ҷомеа ворид намудани афроди қаблан зери таъсири ғояҳои ифротгароӣ қарордошта таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунем.

Дар ин замина таҷриба андўхта, мо панҷ миссияи башардўстонаи «Меҳр»-ро анҷом додем. Дар доираи он беш аз 530 нафар шаҳрвандон, асосан занону кўдакон аз минтақаҳои даргириҳои мусаллаҳона дар Ховари Миёна ва Афғонистон ба кишвар баргардонда шуданд. Ба ҳамаи онҳо ёрии тиббӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ғайра расонда шуд.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар ин ҷо, дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи муҳоҷиронеро, ки ба кишвари мо баргашта, ҳаёти нав оғоз кардаанд, аз забони онҳо шуниданд.

Барои идомаи ин фаъолият мо тадбирҳои амалӣ андешидем, ки таҳти сарпарастии Раёсати зиддитеррористии СММ Шўрои минтақавии коршиносӣ оид ба кори мунтазам бо муҳоҷирон аз минтақаҳои ҷангӣ таъсис дода шавад.

Давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид бояд дар мубориза бо таҳдидҳои умумӣ, аз қабили терроризми байналмилалӣ боз ҳам муттаҳидтар амал кунанд.

Мехостам боз як нуқтаи муҳимро таъкид кунам. Мо чунин мепиндорем, ки ба ҳолатҳои таҳаммулнопазирии мазҳабӣ ва исломофобия, ки вақтҳои охир дар бархе аз кишварҳо мушоҳида мешавад, набояд роҳ дод.

Ба мақсади дар ҷаҳон пеш бурдани ғояи таҳаммулпазирии байнидинӣ ва ризоият пешниҳод менамоем, ки дар Ўзбекистон таҳти сарпарастии ЮНЕСКО Маркази байналмилалии мулоқоти байнидинӣ ва таҳаммулпазирӣ таъсис дода шавад.

Мо дар ҳақиқат бо он ифтихор дорем, ки кишвари мо ватани чунин олимону мутафаккирони бузург, ба мисли Ал-Хоразмӣ, Берунӣ, Имом Бухорӣ, Мирзо Улуғбек, Алишери Навоӣ мебошанд, ки ба рушди илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми беназир гузошта, нишон доданд, ки ислом ин дини сулҳ, илму маърифат мебошад.

Ба мақсади омўхтани мероси ғании ин шахсиятҳои бузург ва амиқ ошкор намудани моҳияти башардўстонаи ислом мо ташаббус ба миён мегузорем, ки соли 2024 дар Ўзбекистон конфронси байналмилалӣ дар мавзўи «Ислом – дини сулҳу некӣ аст» баргузор шавад.

Муҳтарам иштирокдорони сессия!

Амнияти байналмилалӣ бевосита ба равандҳои Афғонистон марбут аст. Дар ин мамлакат вазъияти нав ба миён омад, ки барои ҳалли масъалаи Афғонистон муносибати махсусро талаб мекунад.

Афғонистонро боз бо мушкилоташ танҳо гузоштан хатои калон хоҳад буд. Нодида гирифтан, изолятсия кардан ва ҷорӣ кардани санксияҳо вазъи мардуми оддии Афғонистонро бадтар мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки кумаки башардўстона ба мардуми Афғонистон набояд суст шавад. Мо даъват менамоем, ки механизмҳои дахлдор барои интиқоли активҳои байналмилалии яхкундашудаи Афғонистон барои ҳалли мушкилоти доғи иҷтимоӣ дар ин кишвар таҳия карда шавад.

Мо ба Афғонистони сулҳҷўву устувор ниёз дорем, ки он дар равандҳои ҳамкориҳои минтақавӣ иштирок кунад ва барои шарикии мутақобилан судманд бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар кишварҳо боз бошад.

Имрўз аз ин минбари баланд сухан гуфта, ҷомеаи ҷаҳониро даъват менамоям, ки дар ҳалли мушкилоти Афғонистон муттаҳид шаванд. Ба  ин муносибат таҳти роҳбарии Созмони Милали Муттаҳид таҳия намудани мавқеи мутобиқшуда ва конструктивиро оид ба Афғонистон қатъиян муҳим мешуморам.

Муҳтарам раис!

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Дар ин лаҳзаҳои дигаргуниҳои қатъии таърих ҳама бояд андеша кунем, ки мо барои наслҳои оянда чӣ гуна сайёра мегузорем.

**Танҳо бо саъю кўшиши умумӣ ва ҷидду ҷаҳди якҷоя ба сулҳу осоиши пойдор ноил шудан мумкин аст. Мо беш аз ҳарвақта ба боварии ҳамдигар, ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ ниёз дорем.**

Дар охири сухани худ мехоҳам бори дигар омодагии Ўзбекистонро барои амиқтар кардани шарикии васеъ ва дарозмуддат бо институтҳои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи давлатҳо тасдиқ намоям.

Барои эътиборатон ташаккур.

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ИҶЛОСИЯИ 78-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ НУТҚ КАРД

**19 сентябр дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк мулоқоти умумисиёсии иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии СММ оғоз ёфт, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев маърўза кард.**

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Соли гузашта мо ташаббуси ҳамдилии Самарқандро барои амният ва шукуфоии умумӣ пеш гузошта будем. Мақсади асосии мо ин дарки амиқи масъулият барои имрўз ваояндаи кишварҳову халқҳо, ба мулоқоти ҷаҳонӣ ҷалб сохтани тамоми ҷонибҳое, ки ба ҳамкориҳои ошкорову пурмуҳтаво омода мебошанд, – гуфт сарвари Ўзбекистон.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки Анҷумани соли оянда бо ташаббуси Котиби Генералии СММ баргузоршаванда ба ҳаллу фасли мушкилоти рўзмарраи пешрафти байналхалқӣ ва минтақавӣ, минбаъд баланд бардоштани таъсир ва нуфузи Созмон хидмат хоҳад кард.

Роҳбари давлати мо ба ислоҳоти васеъмиқёсу бебозгаште, ки солҳои охир дар Ўзбекистон татбиқ мешаванд, махсус таваққуф намуд, як қатор ташаббусҳое, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои бағоят рўзмарраи рўзномаи умумӣ ва минтақавӣ нигаронида шудаанд, пешниҳод кард.

Зикр шуд, ки дар Ўзбекистон гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ бобати навсозии Сарқонун афзалиятҳои пешрафтро мушаххас намуд. Дар пояи ҳуқуқӣ қабул шудани Стратегияи рушди «Ўзбекистон – 2030» бо Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ҳамоҳанг мебошад.

Президенти Ўзбекистон изҳор дошт, ки бо вуҷуди таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мамлакати мо рушди муттасили афзоишро намоиш медиҳад. Тўли шаш соли охир ҳаҷми маҷмўи маҳсулоти дохилӣ беш аз ним баробар афзуд. Ҳадафи асосӣ то соли 2030-юм ду баробар зиёд кардани ин нишондиҳанда мебошад.

Боз як вазифаи афзалиятнок дар роҳи озодкунии иқтисодиёт ин дарояндаи наздиктарин узви комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо шудан мебошад.

Ба шарофати сиёсате, ки ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ нигаронида шудааст, аз соли 2017-ум дараҷаи нодорӣ дар мамлакат ду баробар коҳиш ёфт. То соли 2030-юм то ба 7 фоиз кам кардани он пешбинӣ мегардад.

– Ташаббуси Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид «Акселератори ҷаҳонии созмон додани ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ»-ро дастгирӣ менамоем. Дар доираи он барои мубодилаи таҷриба пешниҳод мекунам, ки соли 2024 дар кишвари мо таҳти роҳбарии Созмони Милали Муттаҳид Конфронси умумиҷаҳонии «Ҳифзи иҷтимоӣ: роҳ ба сўйи рушди устувор» гузаронида шавад, – гуфт роҳбари Ўзбекистон.

Ба иштирокдорони ҷамъомад бинобар натиҷаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва куллан манъ шудани меҳнати иҷборӣ ва бачагона дар мамлакати мо маълумот дода шуд. Қайд гардид, ки тўли садсолаи гузашта миллионҳо одамон дар Ўзбекистон ба пахтакориву ҷамъоварии он маҷбур буданд, ҳоло ҳамаи ин аз байн рафт ва халқ аз ғуломии пахта куллан озод карда шуд.

Тавре ки Президент таъкид намуд, рушди капитали инсонӣ ва тарбияи насли ҷавонон аз ҷумлаи вазифаҳои стратегиест, ки Ўзбекистон дар назди худ гузоштааст.

Аз ин нуқтаи назар солҳои охир таҷрибаи зиёд ҷамъ омад, куллан тағйир додани низоми таълим татбиқ карда мешавад. Тўли шаш соли охир ба таълими томактабӣ фаро гирифтан аз 21 ба 70 фоиз, фарогирӣ бо таълими олӣ бошад, аз 9 то 38 фоиз афзуд. То соли 2030-юм барои он ки ҳар як бача ба кўдакистон ҷалб карда шавад ва ҳар кадом хатмкунандаи мактаб дар мактаби олӣ хонад, имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд.

Роҳбари давлат таъкид сохт, ки солҳои охир дар Осиёи Марказӣ муҳити некҳамсоягӣ, эътидол, ҳамкории тарафайн қарор ёфт.

Ба шарофати саъю кўшишҳои муштараки Ўзбекистон ва тамоми кишварҳои ҳамсоя ҳаллу фасли бисёр мушкилоти вобаста ба сарҳадҳои давлатӣ, гузаргоҳҳои нақлиётӣ ва истифода аз об ҳаллу фасл шуданд.

Савдои тарафайни байни кишварҳои минтақа дуюним баробар афзуд, миқдори корхонаҳои муштарак бошад, панҷ баробар зиёд гардид. Минтақа маркази рушди иқтисодӣ, пули нақлиётиву коммуникатсионие мегардад, ки Шарқ ва Ғарб, Шимол ва Ҷанубро муттаҳид месозад.

Изҳори бовар карда шуд, ки бо дастгирии ҷомеаи байналхалқӣ Осиёи Марказӣ минбаъд низ бо роҳи ҳамгароӣ пеш меравад. Ба минтақаи осуда ва шукуфон табдил додани он мақсади афзалиятноки сиёсати хориҷии Ўзбекистон боқӣ мемонад.

Қайд гардид, дар минтақае, ки анқариб нисфи аҳолиаш ҷавонон мебошанд, масъалаҳои вобаста ба насли ҷавон ва татбиқ сохтани иқтидори ў аҳамияти бағоят муҳим доранд.

Барои муқаррар намудани ҳамкории самарабахш дар соҳаи мазкур бо Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои махсуси он пешниҳод шуд, ки гурўҳи кории кумакрасонӣ ба рушди ҷавонони Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад ва барномаи «Масоили ҷавонони Осиёи Марказӣ – 2030» коркард гардад.

Ба сифати яке аз масъалаҳои маданӣ иштироки занон дар идораи корҳои ҷомеа ва давлат мушаххас карда шуд.

– Мақсади неке, ки дар пояи сиёсати миллии мо бинобар ин соҳа нуҳуфтааст, ин таъмин сохтани мустаҳкамии оила, ҳифзи ҳуқуқ ва некуҳолии занон мебошад, – таъкид кард сарвари Ўзбекистон.

Манфиатдорӣ аз вусъати минбаъдаи ҳамкорӣ бо сохтори «СММ – Занон» изҳор гардид, ба сифати ташаббуси муштарак пешниҳод шуд, ки соли оянда дар Ўзбекистон Анҷумани бонувони Осиё барои баррасии масъалаҳои татбиқ сохтани иқтидори созандагии онҳо ва мубодилаи таҷриба дар соҳаи мазкур гузаронида шавад.

Вазъияти ҷиддии экологӣ ва пурзўр шудани бўҳрони  ҷаҳониро, ки бинобар тағйирёбии иқлим, аз байн рафтани гуногунрангии биологӣ ва муфлисшавии муҳити атроф ба миён омадаанд, зикр карда, Президент қайд сохт, ки Осиёи Марказӣ дар рў ба рўи ин таҳдидҳо аз ҷумлаи минтақаҳои заиф мебошад.

Дар бораи саъю кўшишҳое, ки Ўзбекистон бобати аз байн бардоштани оқибатҳои фоҷиаи Арал меандешад, аз хусуси таъсири нохуши тағйирёбии иқлим дар минтақаи мо ва анъанаи коҳишёбии таъминот бо об маълумот дода шуд.

Бо дарназардошти вазъияти мазкур таъсис додани вазифаи Намояндаи махсуси Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об, ташкил намудани Платформаи технологияҳои каммасрафи об дар Осиёи Марказӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории мунтазам дар доираи Барномаи рушди «сабз», ки дар минтақа қабул шудааст, дастгирӣ гардид.

– Вобаста ба ин таъсис додани «Мулоқоти иқлими Осиёи Марказӣ»-ро мувофиқи мақсад медонам. Мо бо ташаббуси қабул кардани баённомаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Осиёи Марказӣ дар рў ба рўи таҳдидҳои ҷаҳонии иқлим: ҳамраъйӣ барои шукуфоии умумӣ» баромад мекунем. Пешниҳод мекунем, ки қоидаҳои асосии он дар анҷумани байналхалқии оид ба иқлим, ки соли оянда дар Самарқанд баргузор мегардад, баррасӣ карда шавад.

Роҳбари давлати мо ҳамчунин ба фаъол кардани саъю кўшишҳои муштарак оид ба пешгирии паҳншавии экстремизм ва радикализатсияи ҷавонон таваққуф намуд.

Таъкид шуд, ки дар доираи Стратегияи миллӣ оид ба аксуламал ба экстремизм ва терроризм бобати ба ҳаёти муътадил баргардондан ва ба ҷомеа мувофиқ сохтани ашхосе, ки таҳти таъсири ғояҳои экстремистӣ қарор доштанд, эътибори махсус дода мешавад. Панҷ ҳайати инсонпарварии «Меҳр» баргузор гардид ва дар доираи он беш аз 530 шаҳрвандон, пеш аз ҳама занону бачагон аз минтақаҳои зиддиятҳои мусаллаҳ ба мамлакат баргардонда шуданд.

Барои идома додани ин кор мо таҳти васояти Идораи зиддитеррористии СММ баҳри созмон додани Шўрои минтақавии экспертӣ оид ба кори мунтазам бо онҳое, ки аз минтақаҳои амалиёти ҳарбӣ баргаштаанд, қадамҳои амалӣ гузоштем, – гуфт Президент.

Ғайр аз ин сарвари Ўзбекистон даъват намуд, ки ба ҳодисаҳои тоқатнопазирии динӣ ва исломофобия, ки солҳои охир дар баъзе мамлакатҳо мушоҳида мешаванд, роҳ дода нашавад.

Ба мақсади дар олам пеш бурдани ғояҳои ҳамдилии байнидинӣ ва ҳамраъйӣ пешниҳод гардид, ки дар Ўзбекистон таҳти васояти ЮНЕСКО Маркази байналхалқии мулоқот ва кушодадилии байнидинӣ созмон дода шавад.

Ба мақсади амиқ кушода додани моҳияти инсонпарварии ислом ташаббуси соли 2024 дар Ўзбекистон гузаронидани Конфронси байналхалқӣ дар мавзўи «Ислом – дини сулҳу салоҳ ва некуӣ» пешниҳод гардид.

Таъкид шуд, ки амнияти байналхалқӣ ба ҷараёнҳое, ки дар Афғонистон мегузаранд, бевосита алоқаманд мебошад. Дар ин мамлакат вазъияти нав ба миён омадааст, ки муносибати махсусро тақозо дорад. Напазируфтан, танҳо гузоштан ва ҷорӣ намудани санксияҳо аҳволи халқи оддии Афғонистонро мушкилтар мекунанд.

Бо зикри он ки кумакҳои инсонпарварона ба халқи Афғонистон набояд суст карда шаванд, Президент ба коркарди механизмҳои зарурии ҳаллу фасли мушкилоти ҷиддии иҷтимоии ин мамлакат сафарбар намудани пулҳои байналхалқии боздоштташудаи Афғонистонро даъват кард.

– Ба мо Афғонистони осуда ва дорои эътидол зарур аст, ки дар равандҳои ҳамкориҳои минтақавӣ иштирок мекунад ва барои шарикии муфиди тарафайн бо ҳамсоягону кишварҳои дигар кушода аст, – таъкид сохт роҳбари давлати мо.

Президенти Ўзбекистон аз минбари баланди СММ баромад карда, ҷомеаи ҷаҳонро даъват намуд, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти Афғонистон муттаҳид шаванд ва таҳти роҳбарии Созмони Милали Муттаҳид мавқеи ҳамҷиҳату пурмуҳтаворо бинобар ин масъала кор карда бароянд.

Дар анҷоми нутқ қайд шуд, ки алҳол эътимод, ҳамдилӣ ва ҳамкории тарафайн беш аз пеш зарур мебошанд.

Омода будани Ўзбекистон ба амиқсозии шарикии васеъ ва дарозмуҳлат бо идораҳои Созмони Милали Муттаҳид ва тамоми давлатҳо бори дигар таъкид гардид.

**ЎзА.**

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ МИНБАЪДА БАРРАСӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҷараёни суҳбат бо директори генералии Созмони умумиҷаҳонии савдо Нгози Окончо-Ивеала чораҳое, ки оид ба ҳарчи зудтар қабул шудани Ўзбекистон ба СУС андешида мешаванд, муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлати мо муҳимияти узвият ба созмонро, аз ҷумла бо дарназардошти ҳадафҳои рушди миёна ва дарозмуҳлати пешгузошташуда махсус таъкид намуд.

Президенти Ўзбекистон ба масъалаҳои тайёрӣ дидан ба ҷамъомади навбатии Гурӯҳи корӣ, ҳамчунин пурзӯр намудани иқтидор ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисоне, ки ба ин ҷараён ҷалб гардидаанд, таваққуф кард.

Директори генералии СУС ба чораҳое, ки дар Ўзбекистон бобати узви созмон шудани мамлакат андешида мешаванд, баҳои баланд дод.

Нгози Окончо-Ивеала изҳор дошт, ки Котибияти СУС саъю кӯшишҳои Ўзбекистонро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд, муътақид аст, ки дарояндаи наздиктарин мамлакат узви ин созмон мегардад.

Бинобар натиҷаи мулоқот дар бораи ҳарчи зудтар гузаронидани ҷамъомади навбатии Гурӯҳи корӣ, баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон ва кумакрасонӣ ба мувофиқсозии қонунгузорӣ ба муоҳида ва қоидаҳои СУС қарордод ба даст омад.

Дар вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Куриё Юн Сок Ёл масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии махсуси стратегии ўзбекистониву куриёӣ ва вусъат додани ҳамкориҳои бисёрҷанба муҳокима шуданд.

Рушди мустақими робитаҳои дуҷониба, ки дар асоси онҳо риштаҳои дӯстии таърихӣ, минталитет, анъана ва суннатҳои ҳаммонанд нуҳуфтаанд, бо қаноатмандӣ таъкид шуд.

Президенти Ўзбекистон ба масъалаҳои ташаккул додани рўзномаи нави иқтисодии шарикии стратегӣ бо Ҷумҳурии Куриё махсус таваққуф кард.

Солҳои охир нишондиҳандаҳои савдо ва сармояҳои тарафайн мунтазам меафзоянд. Соли гузашта мубодилаи мол 24 фоиз зиёд гардид. Дар мамлакати мо тақрибан ҳазор корхонаи муштарак амал мекунанд, ҳаҷми сармояҳои куриёӣ аз 7 миллиард доллар гузашт.

Ба шарикии бисёрсолаву пурмаҳсул бо Оҷонсии оид ба ҳамкориҳои байналхалқии Куриё, Эксимбонки Куриё ва фондҳои он, ки маҷмӯи умумии лоиҳаҳои бо онҳо андешидашуда беш аз 3 миллиард долларро ташкил медиҳад, баҳои баланд дода шуд.

Дар ҷараёни мулоқот самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои амалии тарафайн – вусъат додани шарикии технологӣ ва сармоявӣ бо ширкатҳои машҳури Куриёи Ҷанубӣ, тезондани барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар соҳаи таълим ва нигаҳдории тандурустӣ, пешбурди лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои инфрасохтор ва энергетикаи «сабз», рақамикунонӣ, тайёр кардани кадрҳо ва ҷанбаҳои дигар мушаххас карда шуданд.

Дар анҷоми гуфтушунидҳо роҳбари давлати мо аз Президенти Куриё Юн Сок Ёл даъват намуд, ки бо сафари давлатӣ ба Ўзбекистон ояд.

Дар вохӯрӣ бо Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш пешомади вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои Ўзбекистон бо СММ, пеш аз ҳама бобати татбиқ сохтани вазифа ва мақсадҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувор баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ қайд шуд, ки солҳои охир сатҳи ҳамкории байни Ўзбекистон ва СММ ба дараҷаи баланди бесобиқа расидааст. Тақрибан 140 барнома ва лоиҳаҳои муштарак бомуваффақият татбиқ мешаванд. Бо ташаббуси ҷониби Ўзбекистон 6 баённомаи Ассамблеяи Генералии СММ қабул шуданд, барои дастгирии иҷтимоии аҳолии минтақаи Наздиарал Бунёди трастовӣ амал мекунад.

Ўзбекистон узви як қатор сохторҳои бонуфузи СММ интихоб шудааст ва дар фаъолияти онҳо иштироки хуб дорад. Якҷо чорабиниҳои бузурги байналхалқӣ бо рўзномаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои таъмин сохтани амнияти хӯроквориӣ, рушди сайёҳӣ, мубориза бо нодорӣ ва тағйироти иқлим гузаронида мешаванд.

Антониу Гутерриш ба маърўзаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералӣ баҳои баланд дода, таъкид намуд, ки барномаи ислоҳоти бебозгашти мамлакатро дастгирӣ менамояд, ў инчунин муҳимияти пешниҳод ва ташаббусҳоро баҳри ҳаллу фасли мушкилоти рўзмарра ва минтақавӣ таъкид кард.

Котиби генералӣ миқёси мақсад ва вазифаҳои Стратегияи нави ислоҳоти «Ўзбекистон – 2030», ҳамоҳангии пурраи онро бо Ҳадафҳои рушди устувор махсус зикр намуд. Ў омодагии СММ ва тамоми идораҳои онро бобати кумак барои амалан татбиқ сохтани ин ҳуҷҷати барномавӣ изҳор намуд.

Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳо оид ба коркарди «харитаи амалиёт» дар самтҳои афзалиятноки амиқсозии шарикии васеъмиқёси байни Ўзбекистон ва СММ қарордод ба даст омад.

**ЎзА.**

# БАРТАРИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ИМА МУАЙЯН ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҳамоиш қайд гардид, ки шакли мулоқоти «C5+1», ки ҳашт сол муқаддам дар шаҳри Самарқанд таъсис ёфта буд, барои гуфтугузори ошкорову пурмуҳтаво, инкишоф додани ҳамкориҳои пурмаҳсули тарафайн дар тамоми соҳаҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷамъомади манфиатбахш гардид.

Роҳбари давлати мо ба мустаҳкамшавии муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва шарикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки барои ҳамкории васеъ имкониятҳои нави муҳим фароҳам меоварад, баҳои баланд дод.

Самтҳои бартариноки ҳамкорӣ, ки барои рушди тамоми минтақа аҳамияти стратегӣ доранд, аз ҷумла пурзӯр кардани фаъолияти тиҷоративу сармоявӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои лоиҳавӣ, инкишоф додани гузаргоҳҳои нақлиётии минтақа, пешбурди «рўзномаи сабз», таъмин сохтани ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ, вусъат додани барномаҳои таълимӣ, кумак барои танзими сулҳ дар Афғонистон мушаххас карда шуданд.

Бинобар натиҷаи мулоқот оид ба минбаъд амиқсозии ҳусни тафоҳум ва вусъат додани шарикии амалии байни кишварҳои минтақа ва ИМА муоҳида ба имзо расид.

**ЎзА.**

# ҲАМКОРӢ БАРОИ ПЕШРАФТИ ХАЛҚҲО ВА ЭЪТИДОЛ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷӣ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ўзбекистон тамоми саъю кўшиши худро барои таҳкими кооператсияи тиҷоративу иқтисодии минтақа, рушди инфрасохтори нақлиётиву транзитии он, таъмин сохтани истифодаи сарфакорона ва маҷмӯии захираҳои обу энергетикаи дарёҳои наздисарҳадии Осиёи Марказӣ, пойдории экологии минтақа, анҷом додани ҷараёнҳои марзбандиву марзтақсимкунии сарҳадҳо равона кардааст.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз соли 2016-ум муҳити мусоиди сиёсӣ ба миён омад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ – ба сифати Баённомаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 22 июни соли 2018 таҳти унвони «Таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ба мақсади таъмин сохтани сулҳу салоҳ, эътидол ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» ҳамчун давраи гузариши мусбати таърихи кунунии он дастгирӣ карда шуд.

Дар давраи сипаришудаи аз соли 2016-ум то имрӯз беш аз 30 сафари тарафайни сарони давлатҳои Ўзбекистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин вохӯриҳо дар доираи анҷуманҳои мухталифи минтақавиву байналхалқӣ амалӣ шуданд. Мулоқоти сиёсии байни сарварони давлатҳои минтақа ҷиҳати мунтазам ва доимиву эътимодбахш пайдо кард. Ин гуна робитаҳо пойгоҳи шартномавиву ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷонибаро вусъат доданд, дар онҳо бинобар масъалаҳои минтақавиву байналхалқие, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ як хел манфиатдоранд, аз ҷумла дар соҳаҳои амният, иқтисодиёт, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, фарҳанг, нигаҳдории тандурустӣ ва экология қарорҳои муҳими муштарак қабул карда мешаванд.

Дар натиҷа дар давраи таърихан кӯтоҳ дар муносибатҳои Ўзбекистон бо тамоми кишварҳои минтақа тағйироти бузурги мусбат ба миён омаданд. Бисёр мушкилоти хеле ҷиддӣ, ки дар муносибатҳои байни кишвари мо бо ҳамсоягон то соли 2016 мавҷуд буданд, ба шарофати таҳкими мулоқоти ошкорову муътамади сиёсии сарварони мамлакатҳои минтақа аз байн бардошта шуданд. Эътимоди шахсии байни президентҳо мустаҳкам гардид. Ин аст, ки муносибати Ўзбекистон бо ҳар як кишвари ҳамсоя ба дараҷаи шарикии стратегӣ бардошта шуд, бо Қазоқистон ва Тоҷикистон бошад, муносибатҳои иттифоқӣ муқаррар гардиданд.

Дар минтақа муҳити мусоид ташаккул ёфт, ки ба афзоиши савдо ва сармояҳои тарафайн мусоидат менамояд. Солҳои 2017-2022 мубодилаи моли Ўзбекистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 2,7 баробар афзуда, аз 2,7 миллиард ба 7,5 миллиард доллар расид. Бо Қазоқистон маркази байналхалқии кооператсияи саноатӣ, бо Тоҷикистон ва Туркманистон минтақаҳои савдои наздисарҳадӣ таъсис ёфтанд. Ҳамкории тарафайни сармоявӣ дар минтақа соли 2021-ум ба созмон додани сохторҳои сармоявии ўзбекистониву қирғизистонӣ ва ўзбекистониву тоҷикистонӣ мусоидат карданд.

Яке аз ташаббусҳои муҳимтарини Президент Шавкат Мирзиёев, ки дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи Генералии СММ – дар бораи таъсис додани Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ садо дода буд, татбиқ гардид. Ташаббуси мазкур аз ҷониби ҷомеаи васеъ эътироф шуд, онро тамоми сарони давлатҳои минтақа дастгирӣ намуданд. Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ механизми самарабахши ҳамкориҳои минтақавӣ гардид. Аз соли 2018-ум то кунун 5-то чунин ҳамоиш гузаронида шуд. Мехостем хотиррасон намоем, ки мулоқоти машваратии кишварҳои Осиёи Марказӣ аллакай дар чаҳор шаҳри Осиёи Марказӣ – дар Остонаи Қазоқистон (15 марти соли 2018), дар Тошканди Ўзбекистон (29 ноябри соли 2019), дар Туркменбошии Туркманистон (6 августи соли 2021), дар Чўлпонотаи Қирғизистон (21 июли соли 2022) ва инак ҳамоиши навбатии панҷум- ҷашнии он дар шаҳри Душанбеи Тоҷикистон 14-15 сентябр баргузор шуданд.

### Ташаббусҳои Ўзбекистон дар Анҷумани воқеъ дар Душанбе

Мулоқоти машваратии панҷуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Душанбе омодагии кишварҳои минтақаро ба амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла амният ва пешгирӣ кардани хатарҳо намоиш дод. Ин аз саъю кўшиши мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамкории беш аз пеш қарин шаҳодат медиҳад, ки ба онҳо барои бомуваффақият паси сар намудани хуруҷҳои минбаъда ва таҳкими некӯҳолии шаҳрвандонашон кумак мерасонад.

Дар Мулоқоти машваратии панҷуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Душанбе Шавкат Мирзиёев муҳимияти ҳамкорӣ, табодули мунтазам ва муътамади доимӣ дар соҳаи амниятро таъкид намуда, таклифро бинобар мунтазам баргузор кардани Машварат оид ба масъалаҳои амният бо нақши танзимгарии Котиботи Шӯрои амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ дастгирӣ кард.

Вай ҳамчунин пешниҳод намуд, ки Барномаи байнидавлатии ҳифз ва мустаҳкам кардани сарҳадҳои мамолики Осиёи Марказӣ аз таҳдидҳои наздисарҳадӣ коркард шавад. Ў бағоят муҳим будани ташаккул додани Низоми минтақавии пешбинӣ ва пешгирӣ намудан, сари вақт огоҳ кардан ва муштаракона ҷавоб додан ба вазъиятҳои фавқулоддаро таъкид кард.

Дар суханрониаш Президенти Ўзбекистон як қатор ташаббусҳои муҳимеро, ки ба пешомади ҳамкориҳои тарафайни минбаъдаи давлатҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, пеш гузошт.

### 1. Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ

Ба мақсади зиёд кардани ҳаҷми мубодилаи мол таклиф шуд, ки минтақаи муътамади савдои озоди бидуни мусодиракунӣ маҳдудият ҳарчи зудтар ташкил карда шавад. Бинобар суханони Шавкат Мирзиёев бояд Барномаи маҷмӯии минтақавӣ қабул гардад, ки ташаккул додани силсилаи устувори тиҷоративу логистикиро дар минтақа, кушодан ва вусъат додани марказҳои наздисарҳадии тиҷоративу кооператсионӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузориҳо ва аз байн бардоштани монеаҳоро дар савдои тарафайн, ба роҳ мондани платформаи ягонаи электронии маъмурияти гумрук, назорати санитариву фитосанитарӣ, сертификаткунонии молҳо, ҳамчунин ба истифода супурдани майдони минтақавии савдои электрониро пешбинӣ менамояд.

### 2. Рушди кооператсияи саноатӣ

Президент қайд кард, ки истеҳсоли нуриҳои минералӣ, полимерҳо, маснуоти тайёр аз филизот, ҷамъоварии техникаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри бофандагӣ ва хӯрокворӣ бо содирот ба кишварҳои сеюм метавонанд самтҳои пешомадноки минбаъд амиқсозии ҳамкорӣ ва татбиқ намудани лоиҳаҳои бузурги саноатӣ бошанд.

Барои ҷиҳати мунтазам пайдо кардани ин саъю кўшишҳо коркарди Стратегияи рушди кооператсияи саноатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба пешомади дарозмуҳлат таклиф карда шуд.

### 3. Вобастагии тарафайни нақлиётӣ

Маълум аст, ки харҷҳои нақлиётӣ дар Осиёи Марказӣ аз 50 фоизи арзиши ниҳоии молҳо зиёд мебошад, зеро вай аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳудуди ба баҳр баромадан надорад. Ин дар ҳолест, ки нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ дар ин бобат аз 11 фоиз зиёд нест. Бинобар ҳамин ҳам иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбати мамлакатҳои пешқадам 2-3 баробар бештар сарборӣ доранд, қайд кард Президент Шавкат Мирзиёев дар суханрониаш. Аз ин рў сарвари Ўзбекистон таклиф намуд, ки ҳамкории транзитӣ бо Озарбойҷон вусъат дода шаванд.

### 4. Таъмин сохтани амнияти энергетикӣ

Президенти Ўзбекистон минбаъд вусъат додани ҳамкориҳои тарафайни вазоратҳои соҳавӣ ва ширкатҳои миллии моро дар соҳаи гузаронидани корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ва азхуд кардани конҳои пешомаднок, васеъ намудани инфрасохтори мавҷуда ва бунёди инфрасохторҳои замонавии нигоҳ доштан ва расонда додани ноқилҳои энергетикиро дастгирӣ кард.

### 5. Таъмин намудани амнияти хӯрокворӣ

Президенти Ўзбекистон нуқтаҳои муҳими таъмин сохтани амнияти хӯрокворииро дар минтақа низ қайд намуд. Инҳо рушди нокифояи илмию технологии сектори аграрӣ, норасоии ҷиддии захираҳои об, самарабахш набудани силсилаи муайян кардани арзиши иловагӣ, ноустуворӣ ба бuҳрони иқлиму боздоштҳои логистикӣ, масъалаҳои хӯрокаи солим мебошанд. Вай муҳимияти муттаҳид кардани саъю кўшишҳо ва бо дастгирии ФАО тайёр кардани Барномаи минтақавии шарикӣ дар соҳаро таъкид кард.

### 6. Аксуламал ба таҳдидҳои иқлимӣ

Вобаста ба ин баҳорони соли оянда дар Самарқанд баргузор кардани Анҷумани байналхалқии нахустин бахшида ба рўзномаи иқлими Осиёи Марказӣ таклиф шуд. Ба сифати саҳми амалӣ дар таъмин сохтани устувории иқлим ва рушди «сабз» қабул кардани Стратегияи минтақавӣ оид ба масъалаҳои обсозиш ба тағйироти иқлим пешниҳод гардид.

Барои ташаккул додани рўзномаи ягонаи иқлими минтақа ва муштаракона қабул намудани чораҳои муассир ҳамчунин таклиф шуд, ки платформаи бисёрҷонибаи «Мулоқоти вобаста ба иқлими Осиёи Марказӣ» дар сатҳи вазирони экология таъсис дода шавад.

### 7. Ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм ва фарҳанг

Барои дар арсаи байналхалқӣ муаррифӣ намудани мероси нодири фарҳангиву таърихӣ ва маънавӣ пешниҳод гардид, ки Медиаплатформаи байналхалқии «Таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ: гузаштаи ягона ваояндаи умумӣ» бо ҷалби олимону намояндагони ҷомеаи васеъ таъсис дода шавад.

### 8. Ҳамкорӣ дар соҳаи амният

Пешниҳод бобати мунтазам гузаронидани Машварат оид ба масъалаҳои амният бо нақши танзимгарии Котиботи Шӯрои амнияти давлатҳо дастгирӣ карда шуд.

Натиҷаҳои Мулоқоти машваратии Душанбе саъю кўшиши сарони давлатҳои Осиёи Марказиро бобати кори якҷоя ва муштарак барои ҳаллу фасли масъалаҳои рўзмарраи рушди минбаъда намоиш дод.

**Омонулла МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

# МУШКИЛОТИ ШАҲРВАНДОН ҲАЛ ШУД

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Гулистон қабули сайёри навбатии ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев бахшида ба омўзиши аҳволи иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва мурочиати шаҳрвандон ба амал омад.***

Пеш аз чорабинӣ бо роҳбарии А. Маҳмудалиев аъзои гурӯҳ ва роҳбарони ташкилотҳои вилоят ба чанд маҳаллаҳои ноҳия сафар карда, бо сокинон мулоқот намуданд. Ҳангоми санҷиш бобати аз байн бардоштани баъзе мушкилот дар маҳалҳо чораҳо андешида, муаммоҳое, ки омўзиши иловагиро тақозо доранд, муҳокима ва барои пешниҳод ба идораҳои дахлдор таклифҳо омода карданд.

Дар қабули сайёри навбатӣ бо чунин вазифаҳо, аз ҷумла бо кор таъмин кардани аҳолӣ, истифодаи самаранок аз бино ва иншооти холӣ, ҳамчунин ба хидматрасонии коммуналӣ ва тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ба низом андохтани тўй ва тантанаҳои оилавӣ эътибори махсус дода шуд.

Вобаста ба масъалаи ба кор таъмин кардани аҳолии маҳаллаҳои вилоят аз маъсулони ҳокимият ва фаъолони Иттифоқи ҷавонон дар бораи ташкил шудани ҷойҳои навӣ корӣ ҳисобот дода шуд.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки тўли 8 моҳи соли ҷорӣ 585 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Аз 385 нафар аҳолие, ки ба маркази кумакрасонӣ барои кор мурочиат кардаанд, зиёда аз 310 нафарашон бо кор таъмин гардиданд, ба якчанд нафар шаҳрванд кумакпулӣ таъин шудааст.

Бинобар натиҷаи омўзише, ки аз ҷониби ҳокими вилоят баргузор гардид, 120 мушкилот ошкор шуд. Мушкилоти аз ҳама бештар бо кор фарогирӣ, сектори бонк, нигаҳдории тандурустӣ, таъмини роҳҳои дохилӣ, хидматрасонии кадастрӣ, таъмини оби ошомиданӣ, гази табиӣ ва энергияи электр дахл доранд.

Дар назди роҳбарони сектори вилоят вазифа гузошта шуд, ки якҷо бо ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо «харитаи амалиёт»-ро кор карда бароянд.

Доир ба масъалаҳои дигар қарори дахлдор қабул карда шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*



## Манзараҳои нотакрори Санкт-Петербург ва Тошканд

*Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд маросими кушоиши намоишгоҳи ихтисосии мусаввири соҳибистеъдод Анвар Усмонов таҳти унвони «Санкт-Петербург ва Тошканд» баргузор шуд. Дар намоиш ба бинандагон беш аз 100 асари наққош пешниҳод гардид.*

*Мусаввир ҳангоми таҳсил ва такмили малака дар Санкт-Петербург шефтаи манзараҳои нотакрори ин шаҳр гардида буд. Бинанда аз тасвирҳои ў зуд пай мебарад, ки ин дилбастагӣ ба тасвирҳояш кўчидаанд. Дар қисме аз тасвирҳои ў намои шаҳри куҳнаи Тошканд ва манзараҳои минтақаҳои кўҳии он инъикос ёфтаанд. Наққошиҳои ў «Сукути зимистон», «Қасри князи бузург Михаил Александрович», «Барф дар боғ» далели ин гуфтаанд.*

***Дар акс:*** *дар намоишгоҳ.*

***Аксбардор: Ойбек ПАРДАЕВ (ЎзА).***

# НАТИҶАҲО ВАЗИРРО ҚАНОАТМАНД КАРДАНД

***Вазири хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Ўзбекистон Азиз Воитов бо мақсади шиносоии густарда бо натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодие, ки солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ пиёда мегарданд, ба вилояти Қашқадарё сафари корӣ анҷом дод.***

Вай аз шаҳру навоҳии ин вилоят дидан намуда, бо вазъи хоҷагии деҳот, хоса ихтирои навъи ба иқлими мо тобовари зироат, рафти корҳои обёрии қатравӣ, фаъолияти гармхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти сифатан аълои кишоварзӣ шинос гардид. Вазир ба заминҳои тобеи Донишкадаи ҷанубии илмию тадқиқотии кишоварзии ҷумҳурӣ ташриф оварда, дастовардҳои илмии олимони соҳаро низ аз назар гузаронд ва аз он изҳори қаноатмандӣ намуд, ки солҳои охир бо нишондоди ҳукумати кишвар дар ин соҳа пешравиҳои назаррас ба амал меоянд.

Азиз Воитов инчунин бо фаъолияти коргоҳи масъулияташ маҳдуди «Asian Golden Oil» шинос гардид, ки ба истеҳсоли орду равған ихтисос дорад. Бояд гуфт, ки коргоҳи мазкур на танҳо бозорҳои минтақаро бо маҳсулоти орду равғани хушсифат таъмин месозад, балки ба кишварҳои хориҷа низ содир намудаву даромади назаррас ба даст меоварад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# ИДОМАДИҲАНДАГОНИ СУЛОЛАИ ОШПАЗҲО

**_Бо Баротҷон Саримсоқови ровонӣ баъди кам шудани мизоҷонаш дар як гӯшаи толори барҳавои ошхонаи ӯ суҳбат оростам. Вай писари Ҳамробойамак Саримсоқов мебошад, ки ҳанӯз дар даврони шӯравии собиқ бо хӯрокҳои хуштаъму лазизаш дар байни мардум шӯҳрат пайдо карда, дар солҳои аввали касби истиқлолияти кишвар нахустин соҳиби ошхонаи хусусӣ дар ноҳияи Сӯх маҳсуб меёфт._**



– Солиёни дароз аз деҳаҳои атроф мизоҷонаш маҳз ба ҳамон ошхона омада хӯрок тановул мекарданд, ки дар маркази хоҷагии ҷамоавии «Сӯх» – деҳаи Ровон воқеъ гашта буд. Аксарият мегуфтанд, ки хӯрокҳои пухтаи вай таъму мазаи хос дорад ва онро дар ошхонаҳои дигар пайдо кардан имконнопазир мебошад, – ёдовар шуд Баротҷон. – Аз ин рӯ, ошхонаи он кас аз мизоҷон ҳамеша лабрез буд. Ҳоло аз он ошхона ному нишон боқӣ намондааст ва ҷояшро дар маркази ҳозираи ноҳия биноҳои баланду зебои замонавӣ ишғол кардаанд.

Ба гуфтаи ҳамсуҳбатам дар солҳои салтанати шӯравӣ ва даҳсолаи охири қарни бистум Сӯх бо картошкаи худ маъруфу машҳур гашта буд. Аз вилоятҳои гуногун мошинҳо қатор омада, аз бригадаҳои картошкапарварӣ картошка харид карда мерафтанд.

– Яке аз хӯрокҳое, ки чи барои мардуми Сӯх ва чи барои меҳмонони дигар писанд буд, картошкабирён махсуб меёфт. Падарам онро бо тарзи хос ва диди баланд мепухтанд. Бӯяш ба чаҳор тараф паҳн шуда, иштиҳоро бедор мекард,– боз ба ёд меорад Баротҷон.

Ҳамробойамак Саримсоқов аллакай зимни ба ҷо овардани хидмати аскарӣ ба касби ошпазӣ машғул шудааст ва хӯрокҳои пухтаашро ғайр аз аскарони қаторӣ фармондеҳони рутбаҳои гуногун низ бо майли том тановул мекардаанд.

– Яке аз духтарони рус, ки Нина ном доштааст, ба хӯрокҳои лазизи падарам мабҳут гашта, ба он кас издивоҷ мекунад. Баъд ҳарду аҳду паймон кардаанд, ки то охири ҳаёт бо ҳам зиндагӣ хоҳанд кард. Ҳамон духтар ҳамроҳи падарам ба деҳаи Ровон омадааст, вале натавонистааст ба шароите, ки солҳои пеш дар ин ҷо мавҷуд буд, тоб оварад, барои ҳамин дубора ба Русия баргаштааст. Боз чанд сол онҳо тавассути мактуб мукотибаро давом додаанд, вале рафти зиндагӣ падарамро ба маҷрои дигар кашидааст ва бо Даҳятхон ном ҳамдеҳааш издивоҷ намудааст, – мегӯяд Баротҷон.

Холаи Даҳятхон бо амаки Ҳамробой солҳои дароз зиста, ҳафт фарзанд – чаҳор писару се духтар таваллуд кардааст. Баротҷон фарзанди калони ин хонавода мебошад ва ҳоло ба сифати яке аз соҳибкорони варзидаи ноҳияи Сӯх ном баровардааст.

– Рӯзе ҳокими пештараи ноҳияи Сӯх Баҳодурҷон Обидҷонов падарамро ба наздаш даъват карда гуфтааст, ки дар минтақаи «Навобод»-и деҳаи Ровон, воқеъ дар шафати бемористони марказии ноҳия, ошхонаи хусусии худро ифтитоҳ намояд. Ин ошхонаи хусусӣ номи «Ҳамрообод»-ро гирифтааст ва падарам боз бо таомҳои лазизаш ба дили мизоҷонаш роҳ ёфтааст, – мегӯяд Баротҷон Саримсоқов. – Ана ҳамон ошхонаи якуми шафати роҳро, ки шумо мебинед, падарам солҳои аввали истиқлол боз кардаанд. Ҳоло онро яке аз бародаронам фаъол намудаву корҳои сулолаамонро давом медиҳад.

Тавре ки Баротҷон қайд намуд, пештар ҳар меҳмоне, ки ба хоҷагии ҷамоавии ҳамонвақтаи «Сӯх» ва баъди ба ноҳия табдил ёфтани он ба Сӯх ташриф оварад, дар хидмати вай падараш камарбаста буд.

– Рафиқ Нишонов – котиби якуми Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон зимни ташриф ба Сӯх бо мардум суҳбату мулоқотҳо доир намуда, баъд дар осоишгоҳи «Ҳоити Сангин» меҳмон шуд. Чизе, ки мани сӯхиро ба ҳайрат овард, ба забони софи тоҷикӣ ҳарф задани Рафиқ Нишонов буд. Ман аз ҷаззобияти ин суҳбат чунон хушҳол шудам, ки ба курта намегунҷидам. Ҳамон шом он касро бо хӯрокҳои лазизу хуштаъм меҳмон кардем, – бо ифтихор гуфт Баротҷон Саримсоқов.

– Солҳои пеш дар ноҳияи Сӯх гази табиӣ мавҷуд набуд. Ҳарчанд лӯлаи ин газ марзи ҳозираи Сӯхро убур намуда, ба Қирғизистон интиқол меёфт, сӯхиён аз шарофати он бебаҳра буданд.

Баъди касби истиқлолияти кишварамон барои мардуми мо насиб кард, ки аз гармии гази табиӣ баҳраманд шавем. Албатта, ҳоло тамоми Сӯх бо гази табиӣ таъмин нашудааст, вале дар ошхонаи мо бо истифода аз гази табиӣ намудҳои гуногуни хӯрок пухта мешавад.

– Ба наздикӣ шумо бо нишоне сарфароз гардидед.

– Бале, дар фаъолияти соҳибкории мо як ҷанбаи онро меҳру саховат ба дигарон ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ҳамин чанде пеш ман бо нишони сарисинагии «Меҳру саховат» сазовор гардидам. Чунин қадршиносӣ масъулиятамро дар мавриди бештару беҳтар нишон додани меҳру саховат ба одамони камбизоат, эҳтиёҷманд ва амсоли он боз ҳам бештар афзуд. Ман аз ин ифтихор мекунам.

– Падаратон шурӯъ аз соли 1955 ба касби ошпазӣ рӯй овардаанд ва дар байни мардуми Сӯх маъруф гаштаанд. Шумо ҷиҳати давом додани ин корҳои падаратон кай тасмим гирифтед?

– Мактаби миёнаро соли 1974 хатм кардам. Аз соли 1967 ба ҳайси шогирд назди падарам ин касбро меомӯхтам, аммо бо иродаи падар ба Техникуми кишоварзии Тошканд дохил шудам ва баъди хатми он ба аскарӣ рафтам. Баъди ба ноҳия табдил ёфтани Сӯх бо падарам корро дар ҳамин тарабхонаи «Обишир» давом додам. Вақте ки Ӯзбекистон ба истиқлолияти худ расид, хусусигардонӣ, кооперативикунонӣ ва амсоли он дар ноҳияи мо низ вусъат гирифт. Аз ин раванд мо низ дар канор намондем ва падарам нахустин ошхонаи хусусӣ кушоданд. Аввал дар паҳлӯи он кас ошпазӣ кардам, аммо баъд дар ҷои дигар ҳамин ошхонаро сохтам. Соли 2004 ба корхонаи нави хусусиамон номи «Мулеи Шаҳзод»-ро додем.

Дар идомаи суҳбат Баротҷон Саримсоқов ишора намуд, ки аввал модар ва баъд падараш ба Ҳақ пайваст. Ба сифати писарбузурги онҳо масъулияти хонадор кардани бародарону ба шавҳар додани хоҳарон бар дӯши вай афтод. Дар ин ҷода бародаронаш низ ҳамеша ба вай дасти мадад дароз кардаанд. Мулло, Сангинбой ва Ғайрат ҳоло аз пайи касби падар рафтаанд...

Вай баъди андак таваққуф иброз намуд, ки меҳмонхонаи дорои 20 кат сохтааст ва чанд соли тамом ба ин сӯ меҳмонҳои зиёдро дар ин меҳмонхонаи хусусии худ пазируфтааст. Аммо ҳоло теъдоди меҳмонхонаҳои Сӯх сол аз сол рӯ ба афзоиш мебошад.

– Аслан дар ноҳияи Сӯх солҳои дароз ягон меҳмонхона вуҷуд надошт. Чунки мардуми мо мусофиронро дар кӯча намемонданд ва ҳоло низ чунин аст. Аммо замона дигар шуд ва ҳар як мусофир мехоҳад, ки бидуни хиҷолат кардани дигарон ҷои зисти муваққат пайдо кунад ва осоиш ёбад. Ташрифи сайёҳони хориҷӣ раванди меҳмонхонасозиро дар ноҳияи Сӯх боз бештар суръат бахшид. Аллакай дар маркази ноҳия чанд меҳмонхона қад рост кардаву сохтмони меҳмонхонаҳои дигар дар шаҳраку рустоҳои Сӯх давом дорад, – гуфт Б. Саримсоқов.

Ба гуфтаи ӯ Президенти мамлакат барои соҳибкорон тамоми шароити мусоидро фароҳам овардааст. Бояд аз ин шароит ба таври кофӣ ва дуруст истифода кард ва ба мардум хидмати беминнат расонд, то ки онҳо аз ин хидмат розиву қаноатманд бошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## 2023 – Соли гиромидошти инсон ва сифати таълим

# ДАР КАНОРИ ТАБИАТИ ЗЕБО

Дар маркази деҳаи хушҳавои Оҳалик, ки замоне истироҳатгоҳи ҳукуматдорони Самарқанд буду Шаҳнондара ном дошт, ҳоло табобатгоҳи вилоятии ноболиғони гирифтори беморҳои шуш ва роҳи нафас ҷойгир аст. Ҳудуди он панҷ гектар буда, аз байнаш рӯди шӯху беқарори кӯҳӣ ҷорист. Дарахтони зиёди сафедору булут, чанору арча, гулҳои рангорангу хушбӯву хушманзар дорад, ки тамошои онҳо ба чашмҳо нур ва ба дилҳо сурур мебахшад. Куҳансолони деҳа нақл мекунанд, ки пеш аз инқилоб як олмонӣ минтақаи мазкурро ба бӯстонсаро табдил дода, аз Аврупо ва Русия дарахтони булут, санавбар, коч ва ғайра оварда парвариш кардааст. Вай одати аҷиб доштааст, яъне ҳангоми бо фойтун аз Самарқанд ба деҳа ворид шудан ширинихои коғазпечро пош медодааст, ки мардум, хосатан бачаҳои кӯҳистонӣ чида гиранду хӯранд. Аз ҳамин сабаб ба ӯ «немиси қанд» лақаб додаанд. Шояд ба он хотир бошад, ки баъзан ин маконро «боғи немиси қанд» ҳам мегӯянд.

Соли 1927 бӯстонсарои «немиси қанд» ба истироҳатгоҳи бачагон табдил дода мешавад, бо гузашти айём вай бисёр «вазифаҳо»-ро иҷро кардааст. Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кӯдакони аз Русия ва Украина кӯчондашуда маҳз дар ҳамин манзил зистаанд.

Сипас, он ба табобатгоҳи бачагонаи гирифтори бемориҳои сил (туберкулёз) бадал гардид, ҳазорҳо нафар бачагон аз вилояти Самарқанд дар ин ҷо ҳам истироҳат кардаанду ҳам саломатии хешро мустаҳкам.

### Кӯш, то халқро ба кор оӣ!

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат*
*баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста*
*гардад.*
**Шайх Саъдӣ**

Собиқ ҳокими ноҳияи Самарқанд Баҳодур Саъдуллоев, ки марди далеру роҳбари ҳалиму хоксор буд, дар арафаи ҷашни Наврӯзи аҷам ба табобатгоҳи мазкур як сар гӯсфанд ва дигар маводи озуқа ирсол намуд, то барои наврасони муҳтоҷи меҳру мурувват дастурхони идона ороста шавад. Рӯзи дигар ӯ ба табобатгоҳ омада, иҷрои супоришро санҷид.

Рост гуфтаанд, ки ҳар кӣ хиёнат варзад, дасташ дар ҳисоб биларзад. Ошпаз аз ташрифи нобаҳангом ва пурсишҳои ҳоким дафъатан аз ҳуш рафт. Сартабиб ба гуноҳаш иқрор шуд ва бо ихтиёри худ ариза навишт, ки аз вазифа сабукдӯш кунанд.

Ҳоким ба сардухтури иттиҳодияи тиббии ноҳия Фурқат Валиев занг зада, хоҳиш намуд, ки барои табобатхонаи деҳаи Оҳалик роҳбари муносиб ёбад. Дере нагузашта номзади муносиб пайдо шуд. Хатмкунандаи Донишкадаи тиббии Самарқанд, мутахассиси бемориҳои бачагона, фарзанди Оҳалик Шаҳриёр Бӯстонов сардухтури табобатгоҳ таъин гардид. Аз он рӯз беш аз 10 сол сипарӣ шуд. Бо гузашти айём табобатгоҳ аз ҳар ҷиҳат тағйир ёфт. Се сол қабл сардухтур бевосита ба вазири нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ ва ҳокими вилояти Самарқанд муроҷиат карда, хоҳиш намуд, ки барои таъмиру азнавсозии иншоот кумак расонанд. Баъди фурсате ҳокими вилоят бо чанд нафар тадбиркорони самарқандӣ ба ин ҷо ташриф фармуд. Сармоядорони баландҳиммат дар тӯли ду сол биноҳои замонавӣ сохтанд. Ҳоло иншооти хушсохту шинами ошхона, мактаб, толори варзиш, хобгоҳ, майдончаи бозӣ, саҳна, курсиҳои бешумор дар ихтиёри табобатгоҳ мебошанд.

*(Гузориш)*

### Фурӯғи субҳи донoӣ китоб аст, вале...

Шаҳриёр Бӯстонов ба мо шиноскунии табобатгоҳро аз китобхонон оғоз намуд. Мудир Нигора Раҷабова аз ташрифи мо шод гашта, иброз дошт, ки омадани шумо, журналистон айни муддаост, ба мо дар масъалаи таъминот бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ кумак мерасонед. Умед дорем, ки бо кумаки шумо китобхонаи мо боз ҳам ғанӣ мегардад. Охир ба се-чор нафар хонанда як китоби дарсӣ бағоят кам аст. Кош китобхонаи табобатхонаи мо ҳам аз кулли имтиёзҳо, ки бинобар ғамхории сарвари давлатамон фароҳам оварда мешаванд, баҳраманд гардад, – гуфт Нигора Раҷабова.

### Одам нашавад касе магар аз мактаб...

*Мактаб ба ту ёд медиҳад*
*илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму*
*ранҷу тааб...*
**Садриддин Айнӣ**

– Ҳоло дар табобатгоҳ беш аз 200 нафар бемор табобат меёбанд, ки бо роҳхати шифохонаҳои ҷойи истиқомати худ ба ин ҷо омадаанд. Муддати табобат аз шаш моҳ то як сол аст, – бинобар ҳамин дар тасарруфи мо мактаб амал мекунад. Миҷозон аз синфи якум то нӯҳум таълиму тарбия мегиранд. Омӯзгорони соҳибтаҷриба Санобар Зоҳидова, Маҷнуна Ҳусейнова, Раҷаббой Ёров, Ҳасан Рофеев, Зуҳро Муҳиддинова ва дигарон аз фанҳои гуногун сабақ медиҳанд. Агар муаммои китобҳои дарсиро, ки кӯҳна ва фарсуда шудаанд, нагӯем, ҳамааш хуб аст. Озмун, шеърхонӣ, байтбарак, ҳавасмандсозии ғолибон самараи хуб медиҳад, – мегӯяд мудираи мактаб Муҳайё Солиева.

Медонем, ки табиатшиносӣ дониш ва муносибати инсонро нисбат ба табиат ташаккул медиҳад. Ва агар хонанда дар ҷараёни омӯзиши ин фан аз олами ҳайвоноту наботот огоҳӣ ёфта, аҳамияти ҳаёти онҳоро дуруст дарк намояд, муносибати худро нисбат ба табиат тағйир медиҳад. Омӯзгорон ба шогирдон мефаҳмонанд, ки инсон бояд аз сарватҳои табиӣ одилона ва оқилона истифода барад. Дар мактаб гузаронидани ҳафтаи илм ва фан ба анъана табдил ёфтааст. Умуман, мо кӯшиш мекунем, ки дар «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» ба комёбиҳои нав ба нав муваффақ шавем, хулоса кард М. Солиева.

Зеро:
*Бе китоб, эй дӯстон,*
*бунёди мо норавшан аст,*
*Тираву торик ҳамчун*
*хонаи беравзан аст...*

— Воқеан, китоб ганҷинаи пурасрорест, барои омӯхтани илму адаб беҳтарин маъхаз аст. Аммо масъулони таълими халқи вилоят ба ин масъала аз паси панҷа менигаранд. Дуруст аст, ки ду сол қабл бо даҳолати рӯзномаи «Овози тоҷик» ин муаммо ҳалли худро ёфта буд. Умед







**Собири БУРҲОН,**
**сардабири бахши тоҷикии симо ва садои вилоят.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# НАТИҶАҲОИ МУСБАТИ ЯК МУЛОҚОТ

**_Дар пайи сафари навбатии ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов ба ноҳияи Деҳқонобод як идда мушкилоти мардуми ин қаламрав ҳалли худро ёфтанд._**

Раҳбари вилоят дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Тоғайтемир»-и ноҳия дидору мулоқот намуд ва ба муҳимтарин мушкилоти ҳаёти мардуми маҳал мутаваҷҷеҳ гашт.

Муротҷон Азимов шикояти аҳолиро дар робита ба фаъолияти шифохонаи оилавии тиббии маҳалла омӯхтаву ба намояндагони идораҳои сохтмонӣ дастур дод, ки дар зудтарин фурсат биноро аз таъмири кулл бароранд ва шифохонаи оилавиро бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин созанд.

– Ҳукумат аз ҳамаи имконот истифода хоҳад кард, то мардуми мо аз хидмати хушсифати тиббӣ баҳраманд бошанд, – гуфт ҳокими вилоят.

Бояд таъкид сохт, ки бунгоҳи оилавии тиббии мазкур барои 515 адад хонадон ва 2656 нафар аҳолии ин минтақа хидмат мерасонад.

Ҳамчунин бо ташрифи ҳокими вилоят ба ин маҳалла мушкилоти оби ошомиданӣ низ ҳал хоҳад шуд. Ҳавзи ягонаи маҳаллаи «Тоғайтемир», ки солҳои дароз бошандагонаш оби ошомидании худро аз он ҷо мегирифтанд, низ бознигарӣ ва ба талаботи давр мутобиқ карда хоҳад шуд.

М. Азимов боз чандин мушкилоти рӯзгори мардум – масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии маҳаллаи «Тоғаймурод»-ро саривақт ҳал намуд ва баррасии бархе аз онҳоро зери назорати худ гирифт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

**_Дар мавсими дуюми «Буҷаи ташаббус»-и соли равон дар вилояти Фарғона 97 лоиҳа ғолиб баромада, соҳиби беш аз 122 миллиард сӯм шудаанд. Гуфта мешавад, 3 ҳазору 390 лойиҳа дар раванди овоздиҳии «Буҷаи ташаббус» ширкат карда, 2 ҳазору 837-тои он мавриди тасдиқи умум қарор гирифтааст. Теъдоди овоздиҳандагон 2 миллиону 782 ҳазору 376 нафарро ташкил медиҳад._**

# ҒОЛИБОНИ ЛОИҲАҲОИ БУҶАИ ТАШАББУС МАЪЛУМ ШУДАНД

Агар ба лоиҳаҳои пешниҳодшуда ва ғолиб таваҷҷуҳ сурат гирад, фаъолиятҳои вобаста ба таъмири роҳҳои дохилӣ аз ҳама бештар аст ва дар ин замина 44 лоиҳа муваффақ шудааст. Ба дунболи он лоиҳаҳое, ки таъмири мактабҳои маълумоти умумӣ ва инкишоф додани базаи моддию техникиро мадди назар гирифтаанд ва он 14 лоиҳаро ташкил медиҳад. Дар ҷои сеюм 13 лоиҳа ҷиҳати таъмири муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва инкишоф додани базаи моддию техникии он ғолиб баромадааст.

Дар байни лоиҳаҳои ғолиббаромада 9-тои он вобаста ба насб ё таъмири чароғҳои кӯчаҳо, трансформатор, насбкунии симчӯбҳои симинтӣ мебошад.

Аз рӯи минтақаҳо дар шаҳри Қӯқанд ин маблағ барои 8 лоиҳа 9,5 миллиард сӯм, дар шаҳри Фарғона 7 лоиҳа бо маблағи 8,6 миллиард сӯм, дар ноҳияҳои Ӯзбекистон ва Қӯштеппа 7-тоӣ лоиҳа бо маблағи ҳар кадомаш 7,92 миллиард сӯм, дар ноҳияҳои Риштон, Қува, шаҳри Марғелон 6-тоӣ лоиҳа, дар ноҳияҳои Бағдод, Бешариқ, Бувайда, Олтиариқ, Тошлоқ, Учкӯприк, Фарғона 5-тоӣ лоиҳа, дар ноҳияҳои Данғара ва Ёзёвон 4-тоӣ лоиҳа, дар шаҳри Қувасой, Фурқат ва Сӯх 3-тоӣ лоиҳа ғолиб баромадаанд.

Интизор меравад, ки тавассути ин лоиҳаҳои ғолибони «Буҷаи ташаббус»-и соли равон боз чандин муассисаҳои гуногун, роҳҳо, гузаргоҳҳои шаҳру ноҳияҳои зиёди вилоят ободу зебо мегарданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4545. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 10.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.